Ба шурои диссертатсионии 6D.КОА-012 назди Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон (734061, ш. Душанбе, кӯчаи Деҳотӣ ½, http://www.tguk.tj)

**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи Шералии Сайдалӣ дар мавзуи «Такмили механизми идоракунии бозори меҳнат дар шароити иқтисодиёти индустриалӣ-инноватсионӣ (дар мисоли вилояти Хатлон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.14 - Иқтисодиёти меҳнат ва демография**

Дар шароити муосир тағйироти сохторӣ дар иқтисодиёт, рушди босуръати технологияҳои рақамӣ, автоматикунонии истеҳсолот, ҷорӣ намудани навовариҳо ва афзоиши талабот ба қувваи кории дорои малакаҳои касбии нав ба муносибатҳои меҳнатӣ таъсири назаррас мерасонанд. Дар чунин шароит самаранокии идоракунии бозори меҳнат яке аз омилҳои муҳими таъмини рушди устувори иқтисодӣ, баланд бардоштани сатҳи шуғл ва истифодаи оқилонаи захираҳои меҳнатӣ ба ҳисоб меравад. Аз ин рӯ, интихоби мавзуи диссертатсия аз ҷиҳати илмӣ ва амалӣ саривақтӣ ва муҳим арзёбӣ мегардад.

Муаллиф дар автореферат масъалаҳои назариявӣ ва методологии ташаккул ва рушди бозори меҳнат, хусусиятҳои идоракунии он, омилҳои таъсиррасон ба талабот ва пешниҳоди қувваи корӣ, инчунин самтҳои такмили механизми танзими бозори меҳнатро мавриди таҳлил қарор додааст. Махсусан, ба таъсири равандҳои индустриалӣ-инноватсионӣ ба сохтори шуғл, касбҳо ва ихтисосҳои талаботдошта, сифати захираҳои меҳнатӣ ва рушди неруи инсонӣ таваҷҷуҳи зарурӣ зоҳир карда шудааст.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон заминаи назариявии таҳқиқот дар соҳаи идоракунии бозори меҳнат дар шароити иқтисодиёти индустралӣ-инноватсионӣ корҳои бунёдии олимони ватанӣ, аз қабили А.А. Мирзоалиев, А.К. Қурбонов, Г.Ғ. Саломова, Д.А. Ҳодиев, Д.М. Набиева, Д.С. Амонова, И.С. Шамсов, М. Нурмаҳмадов, Р.М. Бобоҷонов, Р.У. Улмасов, С.Ҷ. Комилов, С.Ҷ. Мутиева, Т.Б. Ғаниев, Т.Д. Низомова, Т.Р. Ризоқулов, Т.Ҷ. Усмонова, Ф.М. Васиев, Х.У. Умаров, Ҳ.Н. Фақиров, Ш.Б. Ҷонмамадов, Ю.Р. Юсуфбеков ва дигарон назаррас буда, андешаҳои ҳар яки онҳоро дар автореферат мавриди таҳлил қарор додааст (саҳ. 4).

Ичунин, ҷанбаи мусбати таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки муаллиф

бозори меҳнатро на танҳо ҳамчун соҳаи муносибатҳои байни корфармо ва корманд, балки ҳамчун унсури муҳими низоми иҷтимоию иқтисодӣ баррасӣ намуда, зарурати такмили механизмҳои идоракунӣ ва танзими онро дар шароити тағйирёбии технологӣ асоснок менамояд.

Дар автореферат усулҳои гуногуни таҳқиқоти иқтисодӣ, аз ҷумла таҳлили муқоисавӣ, оморӣ-иқтисодӣ, системавӣ ва омилӣ истифода гардидаанд. Ин ба муаллиф имкон додааст, ки тамоюлҳои асосии рушди бозори меҳнатро муайян намуда, мушкилоти мавҷуда ва роҳҳои эҳтимолии ҳалли онҳоро пешниҳод намояд.

Таҳлили илмии бозори меҳнати кишвар дар санадҳои меъёрӣ, аз қабили Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 дарҷ гардидааст: «....афзалиятҳои ҳар як минтақа дар асоси иқтидорҳои мавҷуда, вазъи бамиёномада дар бозори меҳнат ва хусусиятҳои хоси рушди иҷтимоию иқтисодӣ ва демографӣ, имкониятҳои воқеии амалисозии вазифаҳои аввалиндараҷа бароиояндаи миёнамуҳлат ва дарозмуҳлат бояд муайян карда шаванд» (саҳ.3).

Аҳамияти амалии таҳқиқот дар он аст, ки пешниҳодҳои таҳиягардида метавонанд ҳангоми такмили сиёсати давлатӣ дар соҳаи шуғл, танзими бозори меҳнат, рушди захираҳои инсонӣ, баланд бардоштани рақобатпазирии қувваи корӣ ва мутобиқ намудани низоми тайёркунии кадрҳо ба талаботи иқтисодиёти индустриалӣ-инноватсионӣ истифода шаванд.

Муаллиф қайд менамояд, ки бозори меҳнат барои рушди дигар соҳаҳои алоҳидаи иқтисодиёти миллӣ накши калидӣ дорад. «Бозори меҳнати вилояти Хатлон дорои мушкилоти номутавозинии талаботу таклифоти қувваи корӣ (таъминоти шуғли танҳо 21-24%-и аҳолии синни қобили меҳнат), номувофиқии талабот вобаста ба ҳайати кадрӣ ва тахассусмандӣ мебошад»(саҳ. 3).

Бо вуҷуди аҳамияти баланди илмӣ ва амалии таҳқиқот, ба назари мо, дар кор баъзе масъалаҳо мавҷуданд, ки метавонанд дар таҳқиқоти минбаъда такмил дода шаванд. Мехостам баъзе онҳоро низ зикр намоям:

1. Дар ҷадвали 9, саҳифаи 30-и автореферати диссертатсия ҳиссаи аҳолии машғул аз рӯйи соҳаҳои шуғл дар вилояти Хатлон бо фоиз мавриди таҳлил қарор гирифтааст. Агар дар автореферат дар баробари чор соҳаи дарҷгардида, инчунин дигар соҳаҳои муҳими кишвар, аз ҷумла тандурустӣ, маориф, фарҳанг, нақлиёт ва ғайра, низ мавриди таҳлил қарор мегирифтанд, мақсаднoктар мебуд.

2. Агар дар автореферат ба масъалаҳои пешгӯии талаботи бозори меҳнат ба касбу ихтисосҳои нав, таъсири рақамикунонӣ ва автоматикунонии истеҳсолот ба шуғл, инчунин механизмҳои ҳамоҳангсозии бозори меҳнат бо

низоми таҳсилоти касбӣ таваҷҷуҳи бештар зоҳир карда мешуд, сатҳи илмии таҳқиқот боз ҳам баландтар мегардид. Ин эродҳо хосияти ҷузъӣ доранд ва арзиши умумии мусбати таҳқиқотро кам намекунанд.

Хулоса, автореферати диссертатсияи Шералии Сайдалӣ дар мавзуи «Такмили механизми идоракунии бозори меҳнат дар шароити иқтисодиёти индустриалӣ-инноватсионӣ (дар мисоли вилояти Хатлон)» мундариҷаи таҳқиқотҳоро пурра инъикос намуда, бо дараҷаи баланди мубрамӣ, навгониҳои илмӣ ва аҳамияти амалӣ фарқ мекунад. Натиҷаҳои бадастомада барои такмили механизми идоракунии бозори меҳнат ва мутобиқсозии он ба меъёрҳои мақбули сатҳи ҷаҳонӣ аҳамияти калон доранд. Аз ин рӯ, метавон гуфт, ки диссертатсия ба талаботи дахлдори «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ» (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267) ҷавобгӯй буда, муаллиф барои гирифтани дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.14 - Иқтисодиёти меҳнат ва демография сазовор мебошад.

**Муқарриз:**
д.и.и., дотсенти кафедраи молия
ва суғурати Донишгоҳи миллии
Тоҷикистон Икромӣ Ф.Н.

Имзои Икромӣ Ф.Н. доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи молия ва суғуртаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро тасдиқ мекунам.

Сардори раёсати кадрҳо
ва корҳои махсуси ДМТ Шодихонзода Э.Ш.
“___” ___________2026с.

**Суроға:** 734024, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 44.
Тел: +992 981-07-67-67
E-mail: fazliddin-91-91@mail.ru